**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон» назария, методология ва амалия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

«03» 03 с.2025 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ дахл доранд, ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии кишвар мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти мақомотҳои давлатии соҳавӣ дар раванди таҳияи доктринаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оянда, инчунин консепсияҳо ва барномаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи 2022 № 17/ш.д. ҳуқуқи барои ҳимояи диссертатсияи доктории Ализода Олимҷон Маҳмуд дода шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 34 кори илмӣ, 3 монография, 31 мақола аз он ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии илмии Ализода Олимҷон Маҳмуд истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ализода Олимҷон Маҳмуд маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворим Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ пешниҳод шудааст,барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарраротӣ расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Пиризода Ҷалил Сафар -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики АИКТ, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Раҳматзода Рустам -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,

профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Бобоҷониён Даврон Дадоҷон -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон таъин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Усманова Т.Ҷ.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, порфессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Мирсаидов А.Б.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Собирзода Н.М.**

доктори илмҳои кишоварзӣ, порфессор **Садридиинов С.**

*Имзоҳои Н.М. Собирзода, С. Садридинов, А.Б. Мирсаидов ва Т.Ҷ. Усманова-ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони кадрҳои ИИД АМИТ **Зиёева М.С.**